**«Тасдиқ мекунам»**
**Директори Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**__________ Маҳмадбекзода М.Ш.**
**«__» ________________ 2025**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзӯи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 -Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.01 - Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мувофиқат мекунад: 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; иқтисодиёти захираҳо (бозори сармоя, меҳнат ва молия); қонуниятҳои ҷаҳонишаваии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ-давлатӣ; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назрияи ташкили бозорҳо; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; ҳамбастагии некуаҳволии шахсӣ ва ҷамъиятӣ: 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи инкишофи иқтисодӣ: 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ; назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ.

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқотии диссертатсионӣ**

Танзими бозори меҳнат як унсури калидии сиёсати иқтисодии давлатӣ ба шумор меравад, ки дорои хусусияти мураккаб ва бисёрсамта мебошад. Он на танҳо танзими масоили марбут ба шуғли аҳолиро дар бар мегирад, балки бо равандҳои дигари иқтисодӣ, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ, зич алоқаманд аст. Дар ин замина, ташаккули низоми муассири танзими бозори меҳнат тақозо мекунад, ки механизми мукаммали идоракунии давлатӣ бо дарназардошти қонуниятҳои иқтисодӣ ва истифодаи абзорҳои мухталифи институтсионалӣ,

танзимгарӣ ва барномавӣ амалӣ гардад. Истифодаи самараноки чунин механизм имкон медиҳад, ки сатҳи шуғли аҳолӣ ба таври устувор беҳтар гардида, дар қабули қарорҳои стратегӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои таъмини суботи бозори меҳнат ва коҳиши бекорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Дар сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад. Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он қабули барномаҳои соҳавию минтақавӣ зарур аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои назариявии татбиқи намудҳои гуногуни сиёсати давлатӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро маҳз тавассути таҳлили амиқи ин заминаҳо имкон фароҳам меояд, ки самтҳо ва механизмҳои муассири танзими давлатии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда шаванд. Маҳз, ин зарурат ва мубрамияти масъала ба интихоби мавзӯи диссертатсионӣ замина гузошт ва зарурати омӯзиши илмии он ба таври амиқ ва мукаммалро муайян намуд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло қайд намудан бо маврид аст, ки мавзуи диссертатсияи Одиназода К. С., яке аз мавзуҳои мубрам ба ҳисоб рафта, дар такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити мушкилгардии равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Ин ҳадаф бо таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими бозори меҳнат ва мутобиқ намудани он ба талаботи муҳити иҷтимоию иқтисодии кишвар пайваст мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар таҳия ва такмили асосҳои консептуалии танзими бозори меҳнат ифода меёбад, ки бо дарназардошти таъсири афзоишёбандаи равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса пайдо мекунад. Таҳқиқот равишҳои нави илмӣ ва амалӣ барои танзими бозори меҳнатро пешниҳод менамояд, ки ҷавобгӯ ба шароит ва талаботи муосири иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ошкор менамоянд инҳо мебошанд:

1. Асосҳои назриявии танзими давлатии бозори меҳнат дар асоси рушди консепсияҳои алоқамандии усулҳои давлатӣ ва бозории танзими он таҳқиқ шуда, мафҳуми нави сиёсати танзими давлатии бозори меҳнат ҳамчун маҷмуи тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бо истифодаи усулҳо ва воситаҳои муосири технологияи иттилоотӣ комуникатсионӣ алоқаманд, ки бо назардошти равандҳои муҳоҷират ба таъмини рушди муътадили бозори меҳнат, баландбардории дараҷаи шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ равона шудаанд, пешниҳод шудааст.

2. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии танзими давлатии бозори меҳнат амсилаи мувофиқати усулҳои бозорӣ ва давлатии бозори меҳнат бо назардошти равандҳои муҳоҷират пешниҳод гардидааст. Дар асоси коркарди равишҳои методӣ оид ба таҳқиқи бозори меҳнат хусусиятҳои модели аврупоӣ, осиёӣ, амрикоӣ ва англо-саксионӣ ошкор карда шудаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи амалигардонии таҷрибаи институтсионалии давлатҳои баррасишаванда ба сифати тадбирҳои иловагӣ дар соҳаи шуғл ҷудо карда шудаанд, ки ба пастшавии шиддатнокӣ дар бозори меҳнат оварда мерасонанд.

3. Вазъи муосири бозори меҳнат ва тамоюлҳои асосии рушди он дар заминаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ асоснок гардида, омилҳои таъсиргузор ба рушди бозори меҳнат аз дидгоҳи равиши институтсионалӣ арзёбӣ шудаанд. Дар натиҷа, зиддиятҳое муайян гардиданд, ки раванди ташаккул ва густариши шуғли самаранокро халалдор менамоянд. Бо дарназардошти ин мушкилот, тадбирҳои мушаххаси илмӣ-амалӣ барои такмил ва баланд бардоштани самаранокии танзими давлатии шуғли аҳолӣ пешниҳод шудаанд, ки дар онҳо таҷрибаи муассири кишварҳои хориҷӣ низ ба ҳисоб гирифта шудааст. Ин тадбирҳо метавонанд заминаи устуворро барои таҳияи сиёсати босамари шуғл ва коҳиши сатҳи бекорӣ дар шароити муосири Тоҷикистон фароҳам оваранд.

4. Динамикаи ташаккулёбии пешниҳод ва талабот дар бозори меҳнат дар шароити барзиёдии қувваи корӣ таҳлил карда шуда, сабабҳои фарқияти назаррас дар байни пешниҳод ва талаботи қувваи корӣ ошкор гардидаанд ва зарурати ташкили шуғли фарогир дар асоси ҷорӣ намудани корхонаҳои нав дар истеҳсолот дар бахшҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар асоснок карда шудааст.

5. Самтҳои стратегии танзими давлатии бозори меҳнат нисбат ба равандҳои расмикунонии бозори ғайрирасмии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии маҷмуи тадбирҳо дар соҳаи шуғл тавассути мукаммалгардонии сиёсати андозбандӣ, баландбардории сифати низоми маориф, инчунин ҷорӣ намудани низоми дуалии таълим муайян карда шудааст. Механизми паст кардани сатҳи шуғли ғайрирасмӣ дар асоси равишҳои нарм ва сахт нисбат ба ин намуди шуғл пешниҳод гардидаанд.

6. Тамоюлҳои муосири раванди муҳоҷирати аҳолӣ ошкор карда шуда, самтҳои он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, механизми иқтисодии самаранокии равандҳои муҳоҷират дар асоси баландбардоштани такмили ихтисоси муҳоҷирон, баландбардории касбияти онҳо, модернизатсияи раванди таълим дар кишвар, баландбардории самаранокии фаъолияти агентиҳои давлатӣ, хадамоти шуғл ва муҳоҷират пешниҳод карда шудааст.

7. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, нақши рақамикунонӣ дар танзими бозори меҳнат дар

шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои танзими онҳо асоснок гардидаанд.

8. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии равандҳои муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси баҳодиҳии иҷтимоию иқтисодии оқибатҳои муҳоҷират, мақсаднок ҷойгирнамоии аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, сиёсати танзими муҳоҷират, нақши он дар афзоиши некуаҳволии аҳолӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, инчунин таъмини музди кори арзанда муайян карда шуд.

9. Модели ягонаи таъмини вазъи мувозинат дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси коркарди механизми мутобиқати бозори меҳнат ва бозори таҳсилот дар раванди омодасозии қувваи корӣ ва рафъи номувозинатӣ дар бозори меҳнат, пешниҳод карда шуд, ки ба наздикшавии мувозинат байни арза ва тақозо дар бозори меҳнат мусоидат менамояд.

10. Тавсияҳои илмю методӣ оид ба мукаммалгардонии механизми танзими давлатии бозори меҳнат дар самти вусъатбахшии таъминоти институтсионалии он, диверсификатсияи иқтисоди кишвар бо мақсади таъмини шуғли самаранок, бехатарсозии муҳити корӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, мукаммалгардонии низоми ҳуқуқӣ, ташкил ва таъминоти иқтисодии низоми танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паст намудани шиддат дар бозори меҳнат пешниҳод карда шуд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.**

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуи илмӣ, омӯзиш, ҷамъоварӣ, асосноккунии илмӣ ва мубрамияти он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқоти, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ, илмию амалӣ оид ба такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират зоҳир мегардад.

Дар ин замина, дар асоси ҷамбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои танзими бозори меҳнат, равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ муайян кардашудаст, ки таъсири худро дар танзими давлати бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ гузоштааст.

Инчунин, иштироки шахси муаллиф дар таҳқиқоти илмии гузаронидашуда, дар донишкадаю донишгоҳҳои олии касбӣ, интишори мақолҳаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва амалӣ ба назар мерасад, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мункин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни асоси таҳқиқот дар 418 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, фарогири 32 ҷадвал, 18 расм ва 8 диаграмма мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 350 номгӯй иборат мебошад.

Дар сарсухан мубрамияти мавзуъи рисола, дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, объекту матлаби таҳқиқот асоснок кардани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардидаанд, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират нишон дода шудаанд (сах 5-17).

Дар боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муосир» омӯзиши консепсияҳои асосии омӯзиши бозори меҳнат ва танзими давлатии он дар шароити муосир, ҷанбаҳои метоологии таҳқиқи самаранокии танзими бозори меҳнат дар алоқамандии равандҳои муҳоҷират, асосҳои институтсионалии танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудаанд (сах 18-91).

Унвонҷӯ, дар зерқисмати якуми аввали боб қайд менамояд, ки таҳқиқи масоили бозори меҳнат, ки дар асоси равияҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейнсианӣ, монетаристӣ ва институтсионалӣ сурат мегирад, барои ташаккули сиёсати давлатии самарабахши шуғл зарур аст. Бозори меҳнат ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ, ки муносибатҳои байни корфармо ва корманд, талабот ва пешниҳоди қувваи кориро фаро мегирад, арзёбӣ мешавад. Дар таҳлили консептуалии масъала, муаллиф ба мактаби классикӣ, аз ҷумла назарияҳои А. Смит ва К. Маркс, инчунин ба таҳлили неоклассикӣ, ки дар он меҳнат ҳамчун омилҳои истеҳсолӣ баррасӣ мегардад, такя намудааст.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати дуюми ин боб собит намудааст, ки барои арзёбии дақиқи самаранокии танзими бозори меҳнат, истифодаи равишҳои мураккаби оморӣ – аз қабили моделҳои Лайард-Никелл, каҷхаттаи Филипс ва Беверич аҳамияти калидӣ дорад. Муайян шудааст, ки бо кӯмаки ин моделҳо, ки алоқаи байни бозори меҳнат, сатҳи музди меҳнат ва бекорӣ, инчунин талаботу пешниҳоди қувваи кориро дар назар доранд, метавон пешгӯиҳои воқеӣ ва асоснок барои татбиқи сиёсати шуғл таҳия намояд.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати сеюми ин боб қайд намудааст, ки раванди таҳқиқот муайян намудааст, ки танзими давлатии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад бидуни таҳлили амиқи омилҳои институтсионалӣ, механизми ҳуқуқӣ ва робитаҳои мутақобилаи байни сохторҳои давлатӣ ва бозори меҳнат ба таври муассир амалӣ гардад. Исбот шудааст, ки танзими муассири бозори меҳнат танҳо дар шароити мавҷудияти заминаи устувори институтсионалӣ, ки он аз маҷмӯи қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ,

стратегияҳои рушд ва низоми мақомоти масъули соҳавӣ иборат аст, имконпазир мебошад.

Дар охири боби аввал хулоса оид ба назарияи омӯзиши танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муосир, омӯзиши консепсияҳои, ҷанбаҳои метоологии таҳқиқи самаранокии танзими бозори меҳнат дар алоқамандии равандҳои муҳоҷират, асосҳои институтсионалии танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Мониторинги вазъи муосири танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгӯзори ишудааст муаллиф таҳлили вазъи муосири бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати танзими он дар шароити муосир, муаммоҳои асосии рушд наёфтани бозори меҳнат, таҷрибаи хориҷии танзимидавлатии бозори меҳнат ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор ёфтаанд (саҳ 91-178).

Унвонҷӯ, дар зерқисмати якуми боби дуюм собит кардааст, ки усулҳои таҳлили сохторию динамикӣ исбот намудааст, ки бозори меҳнат ба таври мустақим ба муҳити макроиқтисодӣ, сатҳи музди меҳнат, дараҷаи омодагии касбии аҳолӣ ва имкониятҳои инфрасохтории шуғл вобастагии зич дорад. Бо афзоиши шумораи аҳолии синни меҳнат, талабот ба ҷойҳои корӣ меафзояд, дар ҳоле ки имкониятҳои иқтисод барои фароҳам овардани чунин ҷойҳо маҳдуд боқӣ мондаанд.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати дуюми ин боб қайд менамояд, ки рушди бозори меҳнат ҳамчун як масъалаи асосии иҷтимоиву иқтисодӣ дар шароити муосир баррасӣ шуда, таваҷҷуҳи хоса ба падидаи шуғли ғайрирасмӣ зоҳир гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки номувозинатии байни пешниҳод ва талабот дар бозори меҳнат, сатҳи баланди шуғли ғайрирасмӣ ва таъсири омилҳои институтсионалӣ сабабгори коҳиши самаранокии шуғл ва зиёдшавии хавфи иҷтимоии коргарон гардидаанд.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати сеюми ин боб собит намудааст, ки омӯзиши масъалаҳои танзими давлатии бозори меҳнат, таҷрибаи байналмилалӣ ҳамчун манбаи муҳими таълими сиёсати шуғл ва рушди захираҳои инсонӣ арзёбӣ мегардад. Муаллиф дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳонро мавриди таҳлили сохторӣ ва муқоисавӣ қарор дода, имкониятҳои истифодаи самараноки он дар шароити иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриро нишон додааст.

Дар охири боби дуюм хулоса оид ба тақвияти сиёсати ҳимояи иҷтимоӣ ва бозомӯзии касбии аҳолӣ муайян гардида, ки барномаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ки ба эҳтиёҷоти воқеии бозор нигаронида шудаанд, бояд ҳамчун воситаи асосии коҳиши сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ хизмат намояд.

Дар боби сеюм «Алоқамандии муҳоҷирати меҳнати ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» масоили такмили консепсияҳои назариявӣ ва малии танзими муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳои асосии коҳишёбии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон, механизми таъсири давлат ба равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд (саҳ.179-277).

Унвонҷӯ, дар зерқисмати якуми боби сеюм собит кардааст, ки таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии бозори меҳнат ва дастрасии самараноки аҳолӣ ба ҷойҳои кор, ташкили хадамоти давлатӣ ва хусусии шуғл дар асоси ҳамкорӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират омили муҳим маҳсуб мебошад.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати дуюми ин боб қайд менамояд, ки дар замони муосири ҷаҳонишавии иқтисод ва иттилоот, масоили марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ, махсусан ҷараёнҳои муҳоҷирати зеҳнӣ, ба як масъалаи ҷиддии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтаанд. Таҳлили илмӣ ва амалии вазъи муҳоҷирати меҳнатии аҳолии кишвар нишон медиҳад, ки ин раванд ҳамзамон бо пайомадҳои мусбат ва манфӣ барои бозори меҳнат ва захираҳои инсонӣ алоқаманд аст.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати сеюми ин боб баррасӣ гадидааст, ки тибқи натиҷаҳои таҳлил, механизми танзими муҳоҷират бояд ба таҳкими ҳамкорӣ бо кишварҳои қабулкунанда, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон ва истифодаи самараноки маблағҳои интиқолии онҳо нигаронида шавад. Дар ин замина, ҳамоҳангсозии сиёсати муҳоҷират бо сиёсати иҷтимоӣ, демографӣ ва шуғл яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар охири боби сеюм хулоса оид ба танзими самараноки муҳоҷирати меҳнатӣ танҳо дар ҳолате муяссар мегардад, ки давлат сиёсати устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таҳсилотиро бо дарназардошти талаботи бозори дохилии меҳнат роҳандозӣ намояд. Ин амал бояд ба диверсификатсияи иқтисодиёт, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, рушди бахши сайёҳӣ ва таъмини инфрасохтори устувор асос ёбад.

Дар боби чорум «Воситаҳои муосири танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муҳоҷират, ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ» масъалаҳои таъсири ҷаҳонишавӣ ба танзими муҳоҷират ва бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши рақамикунонӣ дар танзими бозори меҳнат ва шароити муҳоҷират, истифодаи шаклҳои нави фаъолияти меҳнати дар шароити ҷаҳонишавӣ ва роҳҳои танзими онҳо арзёбӣ карда шудааст (саҳ.256-293).

Унвонҷӯ, дар зерқисмати якуми боби чорум собит кардааст, ки масъалаи таъсири ҷаҳонишавӣ ба танзими муҳоҷират ва бозори меҳнат дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо фароҳам овардани имкониятҳои нав дар бозорҳои меҳнат ва афзоиши ҳаракати озоди қувваи корӣ, инчунин бо ташаккули таҳдидҳои нав, ба монанди вобастагии шадид аз бозорҳои хориҷӣ ва афзоиши рақобат ба танзими давлатии ин равандҳо таъсири амиқ мерасонад.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати дуюми ин боб қайд менамояд, ки яке аз натиҷаҳои муҳимми ҷаҳонишавӣ барои Тоҷикистон фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди бозори меҳнати фосилавӣ мебошад. Дар ин замина, таҷрибаи кишварҳое чун Ҳиндустон ва Чин нишон медиҳад, ки бо истифодаи самараноки захираҳои зеҳнӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ, имконоти иштирок дар бозорҳои ҷаҳонии меҳнат тавассути кор аз масофа ба таври назаррас афзоиш меёбад.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати сеюми ин боб масъалаи таъсири рақамикунонӣ ба танзими бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муҳоҷират мавриди баррасӣ қарор додааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди иқтисоди рақамӣ ҳамчун яке аз тамоюлҳои асосии иқтисоди ҷаҳонӣ на танҳо дар самти технологӣ, балки дар сохтори бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ низ дигаргуниҳои амиқ ба миён овардааст.

Дар охири боби чорум хулоса оид ба натиҷаи таҳқиқот оварда шудааст, ки таъсири ҷаҳонишавӣ ба танзими бозори меҳнат ва муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили бисёрсамтӣ бояд дар асоси бархӯрди мутавозини сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ идора карда шавад. Механизми танзими давлатӣ дар ин самт бояд ҳамзамон ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандонро таъмин намуда, шароити мусоид барои рушди бахшҳои рақамии иқтисодиёт ва истифодаи пурраи имкониятҳои ҷаҳонишавиро фароҳам оварад.

Дар боби панҷум «Самтҳои такмилдиҳии танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити коҳишёбии равандҳои муҳоҷират» масъалаҳои модели таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ, роҳҳои асосии такмил танзими давлатии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст (саҳ.294-359).

Унвонҷӯ, дар зерқисмати якуми боби панҷум собит кардааст, ки дар шароити рушди муосири иҷтимоию иқтисодӣ яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати давлатии меҳнатӣ таъмини ҳолати мувозинатӣ дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистон, масъалаи номувозинатии байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар тӯли даҳсолаҳои охир хусусияти устувор пайдо кардааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ин номувозинатӣ бештар ба номувофиқати сохтории кадрҳо, набудани мутобиқати тахассусҳо бо эҳтиёҷоти воқеии бозори меҳнат ва инчунин ба омилҳои демографӣ ва муҳоҷиратӣ вобаста

аст. Муаллиф модели пешниҳод намудааст, ки ҳамчун воситаи муосири таъмини мувозинати бозори меҳнат метавонад барои такмил додани сиёсати шуғл ва беҳтар кардани ҳамкории бозори меҳнат ва таҳсилот заминаи устувор фароҳам оварад. Бо истифода аз ин модел, мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд сиёсати фаъоли танзимкунандаи бозори меҳнатро амалӣ намоянд ва ба рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар мусоидат кунанд.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати дуюми ин боб қайд менамояд, ки омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ дар асоси таҳлили воқеии бозори меҳнат, муайянсозии соҳаҳои дорои камбуди кадрҳо ва гузаронидани барномаҳои мақсадноки омодасозии кадрҳо амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар кори илмӣ таъкид мегардад, ки низоми таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнати Тоҷикистон бояд ба ҳамдигар пайванди зич дошта бошанд. Муаллиф муайян намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол чунин ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи зарурӣ амалӣ нашуда, боиси афзоиши номувофиқатиҳои сохторӣ дар бозори меҳнат мегардад.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати сеюми ин боб муайян намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд барномаҳои махсуси омодасозии муҳоҷирони меҳнатӣ ба роҳ монда шаванд, ки омӯзиши забон, фарҳанг ва қонунгузории кишвари қабулкунанда, инчунин баланд бардоштани малакаҳои касбиро фаро мегирад. Таҳқиқот нишон додааст, ки то 70% муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар кишварҳои қабулкунанда ба сабаби надонистани забон ва набудани малакаҳои зарурии касбӣ ба кори пастмузд машғул мешаванд.

Дар хулоса ва пешниҳодод, (саҳ. 360-373) натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оиди истифодаи амалии онҳо пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифода аз усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда, дар умум аз рӯйи сохтор, мазмун, ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия масъалаҳои такмилдиҳи танзими давалати бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷират ба таври мантиқӣ таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии такмили танзими давалати бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷиратро анҷом дода, натиҷаҳои илмию амалии онҳоро пешниҳод намудааст.

Истифодаи пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи диссертатсия мебошад.

Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз сарчашмаҳои омори байналмилалӣ, маълумоти оморӣ ва иттилооотии созмонҳои байналмилалӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи интернет истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иқтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии назариявӣ ва методологии такмили танзими давлати бозори меҳнат дар алоқамани бо равандҳои муҳоҷират зоҳир мегардад. Пешниҳодот ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардашударо метавон ҳамчун воситаи такмили танзими давлати бозори меҳнат дар алоқамади бо равандҳои муҳоҷират ва унсурҳои асосии он, бо мақсади боз ҳам такмил додани такмили танзими давлаити бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷират муосир истифода бурдан мункин аст. Ҳамзамон, натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаи стратегии рушди бозори меҳнат вобаста ба шароити муосири иқтисодиёт дар соҳаҳои иқтисодӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва мақомотҳои ҳоқимияти давлатӣ ҳангоми асосноккунии такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷират метавонад истифода баранад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки аҳамияти амалӣ доранд, ба такмили шаклу усулҳо, такмили танзими давлати бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷират мусоидат намуда, барои баланд бардоштпни самараноки танзими давлати бозори меҳнат муҳими ҷамъиятӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мусоидат менамоянд.

Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти диссертантсионӣ дар раванди таълим ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълим ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ, дастурҳо ва матни лексияҳо аз фанҳои фанҳои «Бозори меҳнат», «Иқтисодиёти шуғл», «Идоракунии кормандон» ва дигар фанҳо, ки донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантони PhD рӯйи ихтисосҳои иқтисодӣ истифода мешаванд, ки бо санад аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст. Натиҷаи асосии амалии таҳқиқоти диссертатсинӣ аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, дар фаъолияти Хадамоти

муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои ҷудогонаи он, Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шуданд ва дар амал татбиқ карда шудаанд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили танзими давалти бозори меҳнат дар алоқаманди бо равандҳои муҳоҷират ва унсурҳои асосии он мусоидат намуда, рушди ташаккулёбии иқтисодиёти кишварро вобаста ба равандҳои муҳоҷират ва дигаргуншавии он таъмин намояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки мавзуи мубоҳисаи олимон ва таҳқиқгарон барои рушди минбаъдаи назарияи танзими давлатӣ ва бозории бозори меҳнат, назарияи шуғл, назарияи танзими муҳоҷират ва тараққиёти иқтисодиёт бошанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар асосноккунии самтҳои афзалиятнок, вазифа ва тадбирҳо оид ба мукаммалгардонии усулҳои танзими давлатии бозори меҳнат ва ташкили шуғли фарогир саҳмгузор мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯйи маводи диссертатсияи 51 асари илмӣ, аз он ҷумла: 3 монография ва 50 мақолаи илмиро ба табъ расонидааст, ки 23 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, интишор шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Одиназода К.С., мутахассиси варзида дар соҳаи иқтисодиёт буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмиро дар ин самт доро мебошад ва таҳқиқоти диссертатсонии ӯ ба самти тахассуси унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионнӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқараршудаи шиносномаи тахасусии 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)): 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; иқтисодиёти захираҳо (бозори сармоя, меҳнат ва молия); қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ-давлатӣ; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назрияи ташкили бозорҳо; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; ҳамбастагии некуаҳволии шахсӣ ва ҷамъиятӣ: 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи инкишофи иқтисодӣ: 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ; назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ, мувофиқат менамояд. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дараҷаи илмӣ ба талаботҳои

муқараргардида ҷавобгӯ буда, дар ҳолати амалишавӣ натиҷаҳои мусбиро ба бор хоҳад овард.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсия.** Дар матни бобҳо ва зербобҳо ҳамаи мавзуъҳо ва масъалаҳое, ки ба такмили танзими давлати бозори меҳнат дар алоқаманли бо равандҳои муҳоҷират бараси гардидаанд, новобаста аз он ки пурра ҷанбаҳои мусбии кори тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1.Дар боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити муосир» масъалаҳои назариявӣ ва амалии мубрами он вобаста ба мукаммалгардонии танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити шиддатгирии раванди муҳоҷират ва таъсири он ба некуаҳволии аҳолӣ ва баробарнамоии таносуби арза ва тақозо ба қувваи корӣ дар шароити муҳоҷирати меҳнатии то андозаи омӯхта нашудаанд.

2. Дар рисолаи илмӣ боби 1 банди 1.1. (саҳ.12-25) корҳои илмии олимони тоҷик кам истифода бурда шудааст.

3. Хуб мешуд, ки дар кори диссертатсионӣ дар боби 3 механизми танзими бозори меҳнати нишон дода мешуд, ки ба коҳиш додани муҳочирати меҳнати аз ҷумҳури мусоидат мекард;

4. Дар рисолаи илми боби 3 банди 3.1. сабабҳои асосии муҳоҷирати кормандони соҳаи илм аз ҷумҳури ба дигар давлатҳо нишон дода нашудааст.

5. Дар рисолаи илми дар бобҳои 3,4,5 аз тарафи муаллиф бояд маълумоти омори 5-10 соли охир истифода бурда мешуданд;

6. Дар рисолаи диссертатсионӣ самтҳои амиқи танзими бозори меҳнат дар алокаманди бо равандҳои муҳоҷират оварда нашудааст;

7.Хуб мешуд агар муаллиф дар кори диссертациони хуҷатҳои давлати Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Стратегияи танзими раванди муҳочират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 истифода мебурд.

8. Таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ аст.

Таъкид кардан зарур аст, ки норасоиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дараҷаи мусбати диссертатсияро паст намекунанд.

Эроду камбудиҳои зикршуда сатҳи назариявӣ – методологӣ ва амалии диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброрро коҳиш намедиҳанд. Дар умум диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти ба итмомрасида ҳисобида шуда, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр ҳамчун кори илмии баанҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар саҳти баланди илмӣ – назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмиидоктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертасия ва ташхиси

диссертатсия дар шурои диссертатсонӣ ва дигар талаботҳои муқарарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгу мебошад.

Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расонидани унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мункин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошаанд. Бинобар ин, талабот дар бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Хулосаи ҷамбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсонии Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01. - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)). пешниҳод шудааст, ба бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар саҳти баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Одиназода Комрон Саидаброр сазовори дараҷаи илмии доктори иқтисодӣ аз рӯйи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01. - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

Тақризи муассиси пешбар дар асоси муқаррароти банди 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ., профессори Муассисаи Давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашуров Суҳбониддин Бухронович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи Давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли

аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (маҷлиси №4 аз 4 июли 2025).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Директори Муассисаи Давлатии
“Пажуҳишгоҳи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Маҳмадбеков М.Ш.
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Эксперт:**
Мудири шуъбаи Муассисаи Давлатии
“Пажуҳишгоҳи меҳнат,
мухоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Ашуров С.Б.
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.и.

**Котиби ҷаласа** Ҳамдамова Н.У.

*Имзои Маҳмадбеков М.Ш., Ашуров С.Б., Ҳамдамова Н.У.-ро тасдиқ менамоям:*

Сармутахасиси шуъбаи
кадрҳои Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи
меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» Султонбекова С.
05.07.2025

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734026, ш. Душанбе,
кӯчаи Ҳувайдуллоев, 270 “А” nii-truda@mail.ru

**Телефон:** (+99) 250-16-47, 250-16-72